# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Назарзода Наврузҷон Назар дар мавзӯи “Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00. 12. «Иқтисодиёти меҳнат»**

Назарзода Наврузҷон Назар соли 2014 зинаи бакалавриати Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистонро бо ихтисоси «Кори бонкӣ» ва соли 2016 зинаи магистратураро аз рӯи ихтисоси “Молия ва қарз” хатм кардааст. Фаъолияти меҳнатии худро аз соли 2014 - ҳамчун ходими илмии Пажӯҳишгоҳи илми тадқиқотии “Молия” -и Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз карда, айниҳол ассистенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мебошад. Аз соли 2019 то инҷониб унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ номзади илмҳои иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ин муҳлати унвонҷӯйӣ ба таҳқиқоти илмӣ машғул гардида, дар кофронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар машваратҳои илмӣ фаъолона ширкат варзидааст.

Дар давраи унвонҷӯйӣ Назарзода Наврузҷон Назар имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият супорида, ҳамзамон 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи он дар нашрияҳои КОА - и назди Президнти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА – и Федератсияи Россия тавсияшаванда ба нашр расонида шудааст.

Наврузҷон Н. Н. ҳангоми иҷрои кори илмии худ, дараҷаи баланди мустакилиятро дар ҷамъоварии маълумотҳо, омӯзиш ва интихоби асарҳои илмии таҳқиқотчиёне, ки ҷанбаҳои назарявии кори мазкурро таҳқиқи намудаанд, нишон додааст.

Мубрамияти мавзӯи интихобгардидаи таҳқиқоти диссертатсионии Н.Н.Назар аз он бар меояд, ӯ ба масъалаи муҳим, ки асоси низоми шуғлро ташкил медиҳад, ифода меёбад. Ин ҳам бошад, “Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” буда, дар таҳқиқоти мазкур, равияҳои нав дар соҳаи сиёсати шуғл, бахусус таъмин намудани боздеҳи пурмаҳсули қувваи корӣ, алоқаи мустаъқим бо сиёсати даромадҳо ва барномаҳои зидитаваррумӣ дарҷ гардидааст.

Мавриди зикр аст, шуғли пурмаҳсул шакли муҳими низоми шуғл буда, ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ, нерӯи инсонӣ ва ба даст овардани зиндагии шоистаи мардуми кишвар мебошад. Бояд таъкид намуд, ки тарзҳои муҳими таъмин намудани шуғли пурмаҳсул гуногуншакл буда, аз як тараф, аз фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои таҳия ва такмил додани сиёсати шуғли аҳолӣ ва танзими бекорӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва афзун гардонидани маҷмӯи даромадҳо аз фаъолияти

меҳнатӣ, инчунин таъмини суғуртаи иҷтимоии аҳолиро пешбинӣ менамоянд, робитаи зич дорад. Аз ҷониби дигар бошад, шуғли пурмаҳсули аҳолӣ аз фаъолияти оқилонаи агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, маркази бо кор таъминкунӣ ва дигар ташкилотҳои зертобеъи назди вазорати меҳнат, муҳоҷират, ва шуғли аҳолии ҷумҳурӣ мустаъқиман алоқаманд мебошад. Ин ҳам бошад, бо роҳи бо кор таъмин намудани бекорон, муҳоҷирони меҳнатии куллан ба ватан бозгашта, мусоидат кардан ба ташкили соҳибкории хурд ва миёна, омода, бозомӯзӣ ва азнавтайёркунии шаҳрвандон ҳамчун мутахассисони баландихтисоси касбӣ зоҳир мегардад. Инчунин, шуғли пурмаҳсул аз масъулиятии иҷтимоии корфармоён, ки ба аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол ҷойҳои холии кории ҷойдошта ва нави таъсисшаванда пешниҳод менамоянд, алоқаманд аст. Ҳар корфармо новобаста аз шакли моликият ва намуди фаъолияти иқтисодӣ бояд сиёсати фаъоли дохилӣ ва берунии ҳифзи иҷтимоии кормандон ва оилаи онҳоро пеш бурда, кормандони худро бо музди кори лоиқ ва шароити меҳнати сазовор таъмин намоянд. Ниҳоят, шуғли пурмаҳсул аз рафтори мусоиди худи кормандон – ташаббускорӣ, истеъдоднокӣ, амалигардонии инноватсионӣ ва масъулиятнокии ҷиддӣ алоқамандӣ дорад. Хусусан хоҳиш ва имкониятҳои худро пурра истифода намудани кормандон ҷиҳати такмил додани сатҳи ихтисоснокӣ, хушсифат иҷро кардани корҳо мувофиқи маҷмӯи талаботи корфармо барои зиёд шудани музди меҳнат ва соҳиби вазифаҳои баланд гардидани кормандон мусоидат менамояд.

Дар сарсухан муаллиф мубрамияти мавзӯи илмиро асоснок намуда, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ ва робитаҳои таҳқиқот бо барномаҳо, асосҳои назариявӣ – методӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, фарзияи таҳқиқот муайян карда, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот шарҳ дода шудааст.

Боби якум "Асосҳои назариявӣ ва методии баҳодиҳии шуғли пурмаҳсул дар бозори меҳнат" ном дошта, дар он муҳтавои шуғли пурмаҳсул - ҳамчун элементи таркибии бозори меҳнат, ҷанбаҳои методии арзёбии нишондиҳандаҳо ва усули андозагирии сатҳи рушди шуғли устувори пурмаҳсул, инчунин тамоюл ва хусусиятҳои рушди шуғли пурмаҳсул дар бозори меҳнат дарҷ гардидааст.

Дар боби дуюми диссертатсия " Баҳодиҳии миқдорӣ ва таҳлили шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" арзёбии методии динамикаи пешравии сохтории аҳолии машғул дар иқтисодиёт, таҳлили сатҳи устувори шуғли пурмаҳсул ва ҳолати бозори меҳнати дохилӣ дар шароити коҳишёбии муҳоҷирати меҳнатии беруна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар боби сеюм – "Таҳлили омилии сатҳи шуғли пурмаҳсул" Услубҳои таҳияи модели омилии сатҳи шуғли пурмаҳсул, модели омилии сатҳи аҳолӣ аз ҷиҳати дар иқтисодиёт ва дурнамои арзёбии нишондиҳандаҳои шуғли

пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул инъикос ёфтааст. Хусусан, дар боби зикргардида модели омилӣ истифода бурда шуда, муҳтавои он ҳамчун ифодаи математикӣ ҳамалоқаманди нишондиҳандаи таҳқиқшаванда ва омилҳо, ки ба ин нишондиҳанда таъсир мерасонанд, ифода карда шудааст. Муаллиф модели омилии сатҳи аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғулро таҳия кардааст, ки аз ҷиҳати назариявӣ, инчунин аз ҷиҳати амалӣ аҳамияти калонро дорад. Бевосита тавассути модели омилии пешниҳодшуда на танҳо сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғул, инчунин ба он таъсиррасонии омилҳои асосӣ арзёбӣ карда шудааст.

Муҳтавои асосии навгонии диссертатсияро ин истифодаи усулҳои муосири методии таҳқиқи масъалаҳои рушди шуғли устувори пурмаҳсул ташкил медиҳад. Дар ҷараёни омодасозии таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳое бадаст оварда шудаанд, ки навгонии илмии корро муайян намудаанд, ки онҳо ба таври муфассал дар кори диссертатсионӣ дарҷ гардонида шудаанд.

Ҳамин тавр, гуфтаҳои дар боло зикр шуда, навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳад. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда ба далелҳои муътамади назариявӣ, илмӣ ва таҳлилӣ мустаҳакам карда шудаанд.

Нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикоси худро ёфтаанд.

Дар вобастагии ба масъалаҳои такмили методикаи арзёбии шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф дар ҳар як зербоби муаллиф хулоса ва пешниҳодоти мушаххас оварда шудааст.

Дар хулоса муаллиф натиҷаҳои асосии таҳқиқотро бо мақсади рушди бозори меҳнат ҷамъбаст намуда, хулосабарорӣ кардааст.

Диссертатсияи Н.Н.Назар дар мавзӯи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сатҳи баландӣ илмӣ, назариявӣ ва амалиро дошта, хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф илман асоснок гардонида шудааст.

Диссертатсияи Н.Н.Назар дар мавзӯи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботҳои КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад, барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат тавсия мегардад.

**Роҳбари илмӣ:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти
муқоисавии иқтисодии Институти
иқтисодиёт ва демографияи АМИТ **Ҷонмамадов Ш.Б.**

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Ҷонмамадов Ш.Б.- ро тасдиқ мекунам:
**Инспектори калон оид**
**кадрҳо ИИД АМИТ**
«01» 02 с. 2022 Қурбонов Э